«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон»
н.и.и. Ибодзода З.Ҳ
аз «01» 02 соли 2023 №01

# НИЗОМНОМАИ КАФЕДРАИ МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ -ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи кафедраи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (минбаъд Низомнома) дар асоси замимаи 3 Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 29.08 соли 2022, №12/4 тасдиқ гардида, “Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шудааст.

1.2. Низомномаи мазкур ба ҳама кафедраҳои донишкада, ки барномаҳои таҳсилотиро дар зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва иловагӣ амалӣ менамоянд, барои пешбурди фаъолият ҳуҷҷати асосӣ ба ҳисоб меравад.

1.3. Дар асоси Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи кафедра бо назардошти хусусият, иҷрои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар намуди фаъолият таҳия карда шуда, бо қарори Шӯрои олимони донишкада тасдиқ карда мешавад.

1.4. Кафедра сохтори асосии таълимию илмии донишкада ба шумор рафта, фаъолияти худро дар самти корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоиву тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад.

1.5. Кафедра тибқи муқаррароти амалкунанда дар асоси пешниҳод ва қарори Шӯрои олимон ва фармоиши ректори донишкада таъсис, аз нав ташкил, ивази ном, муттаҳид ё барҳам дода мешавад.

1.6. Фаъолияти кафедра бояд дар самти тайёр кардани бакалаврҳо, магистрҳо, мутахассисон, докторҳои фалсафа (PhD), докторҳо аз рӯйи ихтисос, номзад ва докторҳои илм, ки дорои дониш ва маҳорату малакаи баланди касбии барои бо муваффақият фаъол намудани онҳо зарур, ҳамчунин рушди қобилияти эҷодии донишҷӯ, қобилияти илмии магистр, аспирант, докторант аз рӯйи ихтисос,

докторант ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии онҳо ба роҳ монда шавад.

1.7. Кафедра фаъолияти худро дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии оид ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинннома, қарорҳои Шӯрои олимон ва фармоишҳои ректор ва муовинони ректори донишкада ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

## 2. Ҳайат ва сохтори кафедра

2.1. Кафедраи зерсохтори факултет ҳамчун кафедраи тахассусӣ ва кафедраи зерсохтори раёсати донишкада кафедраи умумидонишкадавӣ ба ҳисоб меравад.

2.2. Кафедра дар ҳайати на камтар аз 5 нафар омӯзгорон, ки ҳадди ақал 3 (60%) нафари онҳо дорои дараҷа ва унвони илмӣ мебошанд, таъсис дода мешавад.

2.3. Ҷадвали воҳидҳои корӣ (штатӣ)-и кафедра тибқи талаботи дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад.

2.4. Ба ҳайати кормандони илмию педагогии кафедра академикҳо, профессорон, дотсентон, муаллимони калон, ассистентҳо, муҳаққиқ-коромӯзон, унвонҷӯён, аспирантон, докторантони фалсафа (PhD), докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, инчунин кормандони ёрирасони сохторҳои таълимию илмӣ (методистон, лаборантҳо ва ғайра) дохил мешаванд.

2.5. Сохтори кафедра мувофиқи хусусиятҳои барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) ташаккул ёфта, аз филиалҳои кафедра дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, беморхонаҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳои таълимию илмӣ, кабинетҳои методӣ, фаннӣ, синфхонаҳои компютерӣ, лингофонӣ ва дигар ҳуҷраҳои таълимию методӣ иборат мебошад.

2.6. Сохтор ва ҳайати кафедра ба ҳаҷми соатҳо ва хусусияти сарбории таълимӣ, корҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста аст.

2.7. Дар ҷаласаҳои кафедра метавонанд профессорону омӯзгорон ва кормандоне, ки аз дигар кафедраҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаву ташкилотҳо даъват шудаанд, иштирок намоянд.

## 3. Мудири кафедра

3.1. Кафедраро мудир, ки номзадии ӯ аз ҳисоби ҳайати профессорону омӯзгорон ё шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дошта пешбарӣ шуда ва тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада ба мӯҳлати 5 сол интихоб карда шудааст, роҳбарӣ менамояд.

3.2. Дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дошта, иштирок намоянд.
Мудири кафедра барои як мӯҳлат ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои олимони донишкада интихоб карда мешавад. Шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дошта дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра танҳо барои як мӯҳлат иштирок карда метавонанд.
Тағйир ёфтани сохтор, иваз намудани номи кафедра, муттаҳид кардан ва ё нав таъсис додани кафедра сабаби такроран ба мӯҳлати нав интихоб кардани мудири кафедра шуда наметавонад.

3.3. Интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи шахсоне, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, қатъиян манъ аст.
Ба таври истисно кафедраи соҳаи варзиш, ки интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи омӯзгорони собиқадоре, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, барои як мӯҳлат иҷозат дода мешавад.
Дар ин ҳолат ба чунин номзадҳо, аз ҷумла дар соҳаи варзиш ба шахсоне, ки қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳонӣ, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусобиқаҳои қаҳрамонони миллӣ бошанд ё унвони фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, унвони фахрии байналмилалӣ дошта бошанд ё барандаи ҷоиза дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бошанд, ё на камтар аз 1 нафар қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, мусобиқаи қаҳрамони ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаҳрамони мусобиқаҳои миллӣ аз рӯйи соҳаҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро тайёр карда бошанд, имтиёз дода мешаванд.

3.4. Ректори донишкада дар асоси Низомномаи мазкур баъд аз қабул гардидани қарори Шӯрои олимон бо мудир "Оид ба интихоб кардани мудири кафедра", шартномаи меҳнатӣ (шакли муқарраршуда) ба мӯҳлати 5 сол мебандад.

3.5. Натиҷаи иҷрои шартнома, инчунин фаъолияти мудири кафедра дар соли якӯми корӣ аз тарафи шуъбаи кадрҳо ва комиссияи махсуси муқарризон (иборат аз 3 нафар), ки бо фармоиши ректори донишкада таъсис дода мешавад, мавриди санҷиш қарор дода шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада баррасӣ мегардад.

## 4. Интихоби мудири кафедра

4.1. Интихоби мудири кафедра дар асоси озмун гузаронида мешавад.

4.2. Эълон дар бораи гузаронидани озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра аз тарафи маъмурияти донишкада як моҳ пеш дар саҳифаҳои васоити ахбори омма интишор карда мешавад.
- дар озмун номзадҳо мутобиқи бандҳои 3.1, 3.2, 3.3 ва 3.4-и Низомномаи мазкур, мувофиқ ба ихтисос ва тахассуси кафедра иштирок карда метавонанд;
- номзаде мудири кафедра интихоб мегардад, ки аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар Шӯрои олимони данишкада ширкаткардаро соҳиб шавад.

4.3. Мудири кафедраи донишкада дар мавридҳои зерин бозхонд карда мешавад:
- иҷро накардани вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;
- иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;
- манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти кафедра;
- бо сабаби вазъи саломатӣ;
- ба синни нафақа расидан;
- бо хоҳиши худ;
- муқаррароти дигаре, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда муайян намудааст.

4.4. Маҳдудияти синну солӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедраи донишкада тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян карда мешавад.

## 5. Мудири кафедра вазифадор аст:

5.1. Дар ҷаласаҳои кории сохторҳои донишкада, ки дар назди онҳо масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд муҳокима карда мешаванд, иштирок намояд.

5.2. Ҷаласаҳои кафедраро таъин ва баргузор намояд.

5.3. Маҳфилҳо, комиссияҳои методӣ, семинарҳои илмию методӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедра вобаста доштаро ташкил диҳад.

5.4. Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва донишкада ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба нақшаҳои таълимӣ, нақшаҳои кории ихтисосҳои амалкунанда ва масъалаҳои ба самтҳои фаъолияти кафедра алоқаманд буда, пешниҳод манзур намояд.

5.5. Нақшаҳои- тақвимии кафедра, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ ва тақризҳои кафедраро тасдиқ кунад.

5.6. Ҳисоби соатҳои кафедраро муайян намуда, сарбории таълимӣ ва дастурҳои вазифавиро дар байни ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра тақсим намояд.

5.7. Ҳангоми ҷой доштани зарурати истеҳсолӣ дар асоси ҷамъияти ташкил намудани вазифаи муовини мудири кафедра ва роҳбари маҳфилро ташкил кунад.

5.8. Сифат ва иҷрои саривақтии сарбории таълимӣ, ӯҳдадориҳои вазифавӣ, гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат кунад.

5.9. Амалӣ сохтани интихоб ва ба Шӯрои олимони факултет ва донишкада пешниҳод намудани номзадии омӯзгорону кормандон ба вазифаҳои холӣ.

5.10. Тибқи талаботи амалкунандаи ҷорӣ ҳуҷҷатҳои омӯзгорону кормандонро барои дар кафедра ба кор қабул кардан, пешниҳод намояд.

5.11. Барои додани мукофот ё муҷозот ба ҳайати омӯзгорон ва кормандон ба садорати факултет ва раёсати донишкада, бо пешниҳод муроҷиат намояд.

5.12. Ҷиҳати самаранок ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва кормандон аз роҳбарони сохторҳои дахлдори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин гардонидани кафедраро бо васоити моддиву техникӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ талаб кунад.

5.13. Оид ба масъалаҳои такмили раванди таълим, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва донишкада бо пешниҳод баромад кунад.

5.14. Аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра риояи қоидаҳои тартиботи дохилии донишкада, интизоми меҳнат, иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои таъминкунандаи фаъолияти кафедраро талаб намояд.

5.15. Иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи дастурамали вазифавӣ сурат мегирад.

5.16. Тартиби баргузории озмуни интихобот ба вазифаҳои омӯзгорони кафедра дар асоси "Низомномаи ишғоли вазифаҳои кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Низомномаи мазкур муқаррар карда мешавад.

5.17. Ба кафедра вобаста ба ҳаҷми соатҳои таълимӣ ва мавҷуд будани беш аз 15 воҳиди корӣ метавонад аз тарафи раёсати донишкада, вазифаи муовини мудири кафедра ҷудо карда шавад.

## 6. Фаъолияти кафедра

6.1. Фаъолияти кафедра тибқи нақшаҳои корӣ, ки аз иҷрои корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоиву тарбиявӣ ва

робитаҳои байналмилалиро дар бар гирифтааст ба роҳ монда мешавад.

6.2. Масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд, рафти иҷрои нақшаҳо тахти роҳбарии бевоситаи мудир дар ҷаласаҳои кафедра мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешавад.

6.3. Корҳои таълимию методӣ ва илмию таҳқиқотии кафедра бояд ба самти асосии фаъолият ва фанҳои нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи донишкада, ки таълими онҳо бо фармоиши ректори он дар назди кафедра муқаррар карда шудааст, мутобиқат намоянд.

## 7. Кафедра вазифаҳои зеринро иҷро менамояд.

7.1. Ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳои таҳсилот (рӯзона ва фосилавӣ).

7.2. Ташкили курс ё фанҳои таълимии хатмӣ ва интихобӣ, такмили барномаҳои фанҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои амалкунанда.

7.3. Таҳияи нақшаи таълимии ихтисосҳои амалкунандаи донишкада.

7.4. Иҷрои корҳои методӣ (нашри китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, маҷмӯаҳои таълимию методӣ).

7.5. Коркарди маводи таълимию методӣ барои гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, ташкили корҳои мустаъқилонаи донишҷӯён, таъмини истифодаи самараноки низоми таълим, таҷҳизоти муосири лабораторӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ.

7.6. Таъмини мунтазами сатҳи сифати таҳсилот дар асоси татбиқи технологияҳои гуногун, аз ҷумла технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, баланд бардоштани сатҳи гузаронидани дарсҳои лексионӣ ҳамчун шакли муҳими корҳои таълимӣ, фаъол гардонидани машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҳамчун шаклҳои мустаҳкамкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои касбии ба рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён мусоидаткунанда.

7.7. Санҷиши мунтазами дониши донишҷӯён тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос).

7.8. Ташкил ва роҳбарӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, таҷрибаомӯзҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён (корҳои курсӣ, корҳои хатми бакалавр, рисолаи илмии магистр) мутобиқ ба шароитҳои истеҳсолӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ.

7.9. Қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ҷамъбастӣ ва баррасию таҳлили натиҷаи онҳо.

7.10. Расонидани ёрии амалӣ ҷиҳати бо ҷойи кор таъмин гардидани хатмкунандагон ва ба роҳ мондани алоқа бо онҳо.

7.11. Интихоб, тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ.

7.12. Ташкили коромӯзиҳои илмӣ барои ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра.
7.13. Ташкил ва ба роҳ мондани назорати фаъолияти аспирантҳо, докторантон аз рӯйи ихтисос ва докторантон, кор бо унвонҷӯён ва коромӯзон.
7.14. Муҳокима ва тақризнависӣ ба рисолаҳои номзадию докторӣ, корҳои илмии донишҷӯён.
7.15. Ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотии профессорону омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи лоиҳаҳо ва ба имзо расонидани Шартномаҳо.
7.16. Муҳокимаи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии бадастоварда ва омода намудани тавсияҳо ҷиҳати аз нашр баровардани онҳо, иштирок дар татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда.
7.17. Ташкил ва гузаронидани корҳо дар самти васеъ гардонидани робитаҳои кафедра бо муассисаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, таълимӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо ҷиҳати тайёр намудан ва бозомӯзии кадрҳо, иҷро ва ташхиси (экспертизаи) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таъсис додани филиалҳои кафедра.
7.18. Дар кафедра бо мақсади баррасии масъалаҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ семинару маҳфилҳо ташкил карда мешаванд.

## 8. Ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои кафедра

8.1. Кафедра дар доираи фаъолияти худ ҳуқуқ дорад:
- дастрас намудани маълумот оид ба ташкили раванди таълим ва масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд аз дигар сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- ташкили корҳо дар самти тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ;
- омӯзиш, пуррагардонӣ ва паҳн намудани таҷрибаи кории омӯзгорони собиқадор, расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавон дар азхудкунии маҳорати педагогӣ;
- муҳокимаи корҳои хатми бакалаврӣ, рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ, доктории аз рӯйи ихтисос ва доктории аъзоёни кафедра ё бо супориши раёсати донишкада ба кафедра сафарбаргардида;
- баррасии масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иштирок дар Шӯрои олимон ва Шӯроҳои таълимӣ-методӣ (илмӣ-методӣ)-и факултету донишкада, ҷаласаҳои дигар кафедраҳои донишкада ва комиссияҳои аттестатсияи хатм.

8.2. Кафедра ва ҳайати омӯзгорону кормандони он ӯҳдадоранд:
- ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра ӯҳдадоранд, ки фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи донишкада, Низомномаи мазкур,

фармоишҳои ректор ва муовинони ректори донишкада ва Дастурамали вазифавӣ дар донишкада ба роҳ монанд;

- ҳуҷҷатгузориро тибқи феҳристи тавсиявии ҳуҷҷатгузорӣ дар кафедра ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монанд, ки мундариҷа, усулҳои ташкил ва гузаронидани тамоми шаклҳои фаъолияти кафедраро инъикос намоянд;
- бо дархости воҳидҳои сохтории дахлдори донишкада ва берун аз он маълумот ва ҳуҷҷатҳои зарурӣро вобаста ба фаъолияти кафедра пешниҳод намоянд;
- ба молу амволи донишкада эҳтиёткорона муносибат намоянд ва зарари ба донишкада расонидаашонро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн кунанд, таҷҳизоти ба кафедра вобаста шударо дуруст ва мувофиқи таъинот истифода баранд;
- ҳуқуқу озодӣ ва дигар манфиатҳои қонунии омӯзгорону кормандон ва таълимгирандагон, интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро дар давраи фаъолияти корӣ риоя намоянд;
- қарорҳои Шӯрои олимон, фармоиш ва дастуру супоришҳои ректор ва муовинони ректори донишкада, ки ба самти фаъолияти кафедра алоқаманд мебошанд, иҷро намоянд;
- мудири кафедра дар ташкили фаъолияти кафедра сифати банақшагирӣ ва ташкили раванди таълим, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва байналмилалӣ ва ҳисоботдиҳӣ ӯҳдадор мебошанд;
- ӯҳдадориҳои роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, семинар ва маҳфилҳои ба ҳайати кафедра дохилшаванда, ҳамчунин кормандони ёрирасони таълимию илмии кафедра тибқи “Дастурамали вазифавии кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ” муайян карда мешавад.

## 9. Муқаррароти хотимавӣ

9.1. Низомномаи мазкур аз лаҳзаи тасдиқ гардидан мавриди амал қарор гирифта, ба он дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқарраргардида тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

## 10.Феҳрасти тавсиявии ҳуҷҷатгузорӣ дар кафедра

10.1. Қарорҳо, фармонҳо, фармоишҳо ва дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

10.2. Қарорҳо, фармоишҳо, дастурҳо, санадҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

10.3. Қарорҳо, фармоишҳо, дастурҳо, санадҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

10.4. Дастур ва мактубҳои вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.
10.5. Фармоишҳои ректор ва супоришҳои муовинони он.
10.6. Қарорҳои раёсат, Шӯрои олимон ва Шӯрои илмию методии донишкада.
10.7. Қарорҳои садорати факултет, Шӯрои олимон ва Шӯрои методии факултет.
10.8. Нақшаҳои кории кафедра.
10.9. Суратҷаласаҳои кафедра.
10.10. Барномаҳои таҳсилотӣ.
10.11. Нақшаҳои таълимии аз тарафи вазорат ва донишкада тасдиқшуда.
10.12. Нақшаву барномаҳои корӣ оид ба раванди таълим.
10.13. Ҳисоби соатҳо, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон ва ҷадвали воҳидҳои корӣ.
10.14. Барномаҳои таълимӣ ва силабусҳо.
10.15. Номгӯи китобҳои умумитаълимӣ ва тахассусӣ.
10.16. Номгӯи китобу дастурҳои аз тарафи устодони кафедра таҳияшуда бо шаклҳои электронии онҳо.
10.17. Билетҳои тасдиқшудаи имтиҳоноти давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ.
10.18. Саволномаҳои фанҳои таълимии кафедра барои маркази тестӣ.
10.19. Ҳисоботи солонаи кафедра.
10.20. Дастурҳои вазифавии кормандон.
10.21. Ҳуҷҷатҳои татбиқи корҳои илмӣ.
10.22. Ҳуҷҷатҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони кафедра.
10.23. Ҳуҷҷатҳо оид ба шуъбаи магистратура, аспирантура, ординатура, интернатура, докторантура аз рӯйи ихтисос ва докторантура.
10.24. Номгӯи мавзӯъҳои корҳои хатми донишҷӯён.
10.25. Номгӯи мавзӯъҳои корҳои хатми магистрҳо.
10.26. Ҳуҷҷатҳои маҳфилҳои илмии донишҷӯён.
10.27. Ҳуҷҷатҳо оид ба таъминоти моддию техникии ҷараёни таълим.
10.28. Ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ.
10.29. Дафтари бақайдгирии иштироки омӯзгорон ба дарсҳои ҳамдигар.
10.30. Дафтари бақайдгирии истифодаи воситаҳои техникӣ дар ҷараёни таълим.
10.31. Ҷадвали навбатдории омӯзгорон.
10.32. Ҷадвали қабули корҳои мустақилонаи донишҷӯён.
10.33. Рӯйхат ва санадҳои ҳуҷҷатҳои бойгонишуда.
10.34. Дафтари воридот ва содироти мактубҳо, аризаҳо ва ғайра.

Низомнома дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада «26» 01 соли 2023 (суратҷаласаи №7/4-2) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.